Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-O18-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Майнусова Зарнигор Маҳмудовна дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқукшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Майнусова Зарнигор Маҳмудовна ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, фарогирандаи ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии падидаи ишорашуда мебошад.

Пайдо шудани тарзҳои нави муомилоти мол ва хизматрасонӣ дар бозори истеъмолӣ бинобар рушди технологияҳои муосири иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ имкониятҳои навро барои пешбурди соҳибкорӣ, татбиқи усулҳои нави савдои молҳо ва пешниҳоди хизматрасонӣ барои дастрасии ба асарҳо ва объектҳои ҳуқуқҳои вобаста пеш овард. Айни замон дар ҳама самтҳо субъектҳои соҳибкорӣ саъй доранд, ки аз имконоти гуногуни савдои молу маҳсулот ва хизматрасонӣ васеъ истифода баранд. Тарзи фосилавии савдои мол ва хизматрасонӣ ҳам барои харидорон ва ҳам истифодабарандагони объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ ва вобаста ба он, ҳам барои фурӯшандагони моли дорои чунин объектҳо ва ҳам барои шахсоне, ки барои таъмини дастрасӣ ба онҳо бо истифода аз Интернет, шабакаҳои алоқаи мобилӣ хизмат мерасонанд, бештар ҷолиб мегарданд.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки то имрӯз дар бахши рушди савдои чакана дар Ҷумҳурии Тоҷикистон се самти асосиро ҷудо кардан мумкин аст: муттаҳидсозии субъектҳои хоҷагидорие, ки бо фаъолияти савдо тавассути якҷояшавии ширкатҳо ва кушодани дӯконҳои нав машғуланд; тавсеаи истеҳсоли тамғаҳои хусусӣ ҳамчун роҳи пешниҳоди молҳои босифат бо нархҳои дастрас; рушди тиҷорати электронӣ ҳамчун шакли ояндадори савдои фосилавӣ дар робита бо иттилоотии ҷаҳонии ҷомеа.

Дар баробари ин зикр намудан зарур аст, ки дар муқарароти Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба истиснои муқаррароти умумии моддаи 534 – фурӯши мол тибқи намунаҳо) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 декабри соли 2004, № 72 "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" меъёри мушаххас оид ба савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ ҷой надорад. Дар ҳолате, ки ин санадҳои заминавӣ меъёри мушаххасро оид ба садои фосилавӣ муқаррар намекунанд, дар асоси қисми 2, моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 марти соли 2013, № 943 "Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ" субъектҳои савдо ва хизматрасонии маишӣ ҳангоми ташкил ва амалӣ намудани фаъолияти худ ҳуқуқ доранд шакли савдо (дар объектҳои доимии савдо, берун аз объектҳои доимии савдо, аз ҷумла ярмаркаҳо, намоишҳо, дастифурӯшӣ, усули фосилавии фурӯши мол, фурӯши мол бо истифодабарии автоматҳо, дигар шаклҳои савдо)-ро мустақилона муайян намоянд. Аз ин рӯ, таҳлилу баррасии танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар шароити муосир дар сатҳи дисссертатсионӣ дар Тоҷикистон мубрам арзёбӣ мегардад.

Ба мубрамияти мавзӯи тадқиқшаванда такя намуда, ворид намудани донишҳои нав, ки дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии савдоии фосилавии мол ва хизматрасонӣ коркард шудааст, мақсади асосии тадқиқоти Маюнусова З.М.-ро ифода мекунад.

Вобаста аз мақсади гузошташуда, **вазифаи таҳқиқот** инҳо мебошанд:

- таҳлилу барасии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ ҳамчун падидаи иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ;

- муайян намудани махсусияти қонунгузории танзимкунандаи савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ;

- тадқиқи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ дар бахши савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ;

- омузиши шартномаҳо дар бахши савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ;

- муайян намудани ҷавобгарии гражданӣ барои вайрон кардани муқарароти қонунгузорӣ дар бахши савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ;

- коркарди пешниҳодҳо барои мукаммал гардонидани қонунгузорӣ дар собахши мазкур.

**Объекти таҳқиқот** муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки масъалаҳои муҳими танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасониро фаро мегирад.

**Мавзӯи таҳқиқот** ақидаи олимон ва қонунгузориест, ки савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ ва таҷрибаи татбиқи ҳуқуқро дар ин бахш ба танзим медарорад.

**Навгонии илмии тадкикот.** Диссертатсия дар асоси мавқеи устувори тадқиқотиву ҳамаҷонибаи муаллиф оид ба масъалаи танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар ҶТ гузаронида шудааст ва барои мукаммал гардонидани қонунгузорӣ дар бахши мазкур як қатор пешниҳодҳо карда шудааст. Нававарии тадқиқот инчунин дар он ифода мегардад, ки то ҳол дар ҶТ масъалаи танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ ба тадқиқоти комплексии монографӣ фаро гирифта нашудааст. Ҳамзамон дар давраи муосир ба омӯзиши танзими ҳуқуқии

савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ баҳри коркарди механизмҳои нави ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ талабот вуҷуд дорад. Диссертатсияи мазкур аввалин кори илмие мебошад, ки дар он кӯшиши гузаронидани тадқиқоти комплексии танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ ба амал бароварда шудааст.

**Асоси назариявии таҳқиқотро** асарҳои илмии муҳаққиқоне ташкил додааст, ки ба ҷиҳатҳои гуногуни проблемаи ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дахл доранд. Аз ҷумла асарҳои Абдуҷалилов А., Белова О.А., Зажигалкин А.В., Зак А.Ю., Золотухин А.В., Исмоилов Ш.М., Косарев А.С., Козинетс Н.В., Кузменко А.С., Меликов У.А., Моченов В.Ю., Раҳимзода М.З., Самадов Б.О., Сангинов Д.Ш., Фролов И.В. ва дигарон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд.

**Асосҳои методологии тадқиқотро** усулҳои умумӣ-илмӣ ва махсуси илмӣ, ба мисли диалектикӣ, мантиқӣ-забонӣ, оморӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва ғайра ташкил медиҳанд.

**Сохтор ва ҳаҷми рисола** аз мақсадҳо, вазифаҳо ва мантиқи тадқиқот иборат буда, аз муқаддима, ду боб, ки панҷ зербобро муттаҳид мекунад, хулоса ва феҳрасти махазҳо иборат мебошад. Ҳаҷми умумии рисола аз 204 саҳифа иборат мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** бо дараҷаи навовариҳои илмии диссертатсия, муқарраротҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад, бо мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳои муаллиф дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмию амалӣ, инчунин бо коркарди лоиҳаҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, тағйирот ва иловаҳо ба он тасдиқ мегарданд. Инчунин тарзи ифода кардан, гузоштани масъалаҳо ва услубшиносии рисола саҳми шахсии муаллии диссертатсияро тасниф мекунад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгу аст.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии Майнусова Зарнигор Маҳмудовна дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
муовини ректори Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин
Айнӣ оид ба корҳои илмӣ Сангинзод Д.Ш.

Тасдик мекунам имзои Сангинзод Д.Ш.ро
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айннӣ Мустафозода А.

25.08.2023